УДК 331.108
ББК 65.05

## АРЗЁБИИ САТҲИ РУШДИ НЕРӮИ ИНСОНИИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ

***Акрамова Заррина Башировна*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети информатика ва энергетикаи ДПДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, (Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш. Хуҷанд), e-mail: zarrina_2309@mail.ru*

## ОЦЕНКА РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА ПРЕДПРИЯТИЯ ПО ПРОИЗВОДСТВУ МОЛОЧНОЙ ПРОДУКЦИИ.

***Акрамова Заррина Башировна*** *- кандидат экономических наук, декан факултета информатики и энергетики ПИТТУ имени акад. М.С. Осимӣ в городе Худжанде, (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: zarrina_2309@mail.ru*

## ASSESSMENT OF THE DEVELOPMENT OF HUMAN POTENTIAL OF THE ENTERPRISE FOR THE PRODUCTION OF DAIRY PRODUCTS

***Akramova Zarrina Bashirovna*** *- Candidate of Economic Sciences, Dean of the Faculty of Informatics and Energy of the Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi. (Tajikistan Republic, Khujand), e-mail: zarrina_2309@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *нерӯи инсонӣ, маблағгузорӣ ба рушди нерӯи инсонӣ, сатҳи маълумотнокӣ, сатҳи тахассуснокӣ, устувории коллектив, сатҳи фаъолнокии инноватсионӣ, қобилияти меҳнати ҷисмонӣ*

*Дар мақола қобилияти мамлакатҳо, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалб намудан ва нигоҳ доштани кадрҳои баландихтисос, таҳлили ҳолати иқтисодии корхонаи истеҳсолии маҳсулоти ширӣ, динамикаи нишондиҳандаҳои истифодабарии нерӯи инсонӣ ва сатҳи рушди нерӯи инсонии корхонаи макур арзёбӣ карда шудааст. Омилҳои ташаккул ва рушди нерӯи инсонии корхонаи истеҳсолӣ муайян карда шуда, ҷузъҳои асосии ин категорияи муҳими меҳнатӣ таҳлил ва самтҳои асосие, ки ба рушди он монеъ мешаванд, муайян карда шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *человеческий потенциал, инвестии в развитие человеческого потенциала, уровень образования, уровень квалификации, устойчивость коллектива, уровень инновационной активности.*

*В статье приведена оценка способности стран, в том числе Республики Таджикистан, привлекать и сохранять высококвалифицированные кадры, анализируется экономическое положение предприятия по производству молочной продукции, динамика человеческого потенциала и уровень развития человеческих ресурсов. Выявлены факторы формирования и развития человеческого потенциала производственного предприятия, проанализированы основные составляющие этой важной трудовой категории и определены основные направления, препятствующие ее развитию.*

***Key words****: human potential, investments in human potential development, education level, qualification level, team stability, level of innovative activity.*

*The article provides an assessment of the ability of countries, including the Republic of Tajikistan, to attract and retain highly qualified personnel. The economic situation of an enterprise for the production of dairy products, the dynamics of human potential and the level of development of human resources are analyzed. The factors of the formation and development of the human potential of a manufacturing enterprise and the main components of this important labor category are identified and analyzed. The article also provides identification of the main directions preventing its development.*

Дар ҳама сатҳҳои идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҳадафи асосӣ – ин расидан ба рушди устувор мебошад, ки он дар беҳтар гардидани динамикаи натиҷаҳои фаъолияти корхона мушоҳида мешавад.

*Рушди устувори корхона* - тағйироти бебозгашти ба сифат нигаронидашуда аст, ки бо баланд шудани сатҳи технология ва тахассуси кормандон, инчунин мутобиқ будан ба омилҳои муҳити беруна ва дохилӣ такя мекунад.

Дар заминаи таърифи мазкур таълими босифати кадрҳои баландихтисос, рақобатнокии онҳо, натиҷаҳои таҳия ва татбиқи инноватсияҳо дар таъмин намудани рушди устувор мақоми муҳимро ишғол мекунад (3, 174). Нерӯи инсонии корхонаро метавон ҳамчун маҷмӯи қобилият ва имконияти кормандон тавсиф кард, ки дар давраи дарозмуддат барои ба мақсадҳои худ ноил шудани корхонаҳо мусоидат мекунад.

Имрӯз нерӯи инсонӣ – ин омили асосии ташаккули "иқтисоди дониш" (иқтисоди инноватсионӣ) мебошад, ки қодир аст ҳама навовариҳои барои ҷомеа муфидро самаранок истифода барад. Дар ин замина, дар шароити воқеӣ, нерӯи инсонӣ, салоҳият ва донишҳои илмӣ омили асосии рушди корхонаҳо мегардад. Бо мунтазам нав кардани дониш ва иттилоот зарурати нигоҳ доштани параметрҳои сифатии нерӯи инсонии корхона ба миён омадааст, ки тавассути баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон дар натиҷаи маблағгузории он ба даст оварда мешавад.

Айни замон, дар заминаи интеллектуализатсияи умумии истеҳсолот маҳз инсон қувваи асосии пешбарандаи он гардидааст. Ноил шудан ба натиҷаи муайяни фаъолияти корхона аз бисёр омилҳо вобаста аст. Нерӯи илмӣ-техникӣ дар шакли моддӣ дар таҷҳизот ва ғайримоддӣ дар таъминоти барномавӣ, инчунин тахассуси захираҳои меҳнатӣ таҷассум ёфтааст, ки барои корхонаҳо имконияти истифода бурдани таҷҳизот ва мошинҳоро дар сатҳи ҳосилнокии баланд ва ҷорӣ намудани маҳсулоти нав ва равандҳои истеҳсолиро фароҳам меорад.

Кофӣ набудани сатҳи тахассуснокии кормандон аз нуқтаи назари донистани хусусиятҳои истеҳсолот ва малакаҳои идоравӣ омили асосии боз доштани рушди устувор мегардад (7, 112). Ин дар навбати худ ба паст гардидани сатҳи самаранокии оператсионӣ, хароҷоти зиёд барои омода намудани кормандон ва дигар хароҷоти бо захираҳои меҳнатӣ вобаста, хароҷоти аз ҳад зиёди амалиётҳо, ҳангоми ҷалб намудани мутахассисон аз дигар мамлакатҳо меорад. Аз ин рӯ, корхонаҳо бояд ба такрористеҳсолот, баҳодиҳӣ ва маблағгузории нерӯи инсонӣ диққати ҷиддӣ диҳанд, то онҳо ба ҳадафҳои худ ва таъмини рушди устувор ноил шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо захираҳои меҳнатӣ бой мебошад. Дар сохтори синну солии аҳолӣ ҳиссаи аҳолии ҷавон бештар аст. Бинобар ин, яке аз афзалиятҳои стратегии мамлакат самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ ба шумор меравад.

Арзёбии субъективие, ки аз тарафи бизнес-ҷомеа дода шудааст, тасдиқ мекунад, ки Тоҷикистон қодир аст кадрҳои соҳибихтисосро ҷалб намояд ва нигоҳ дорад. Дар мамлакат дар муқоиса бо гурӯҳи мамлакатҳои монанд ҳамаи шароит барои ҷалб намудан ва нигоҳ доштани кормандони соҳибихтисос мусоид мебошад, расми 1.




*Расми 1. Арзёбии қобилияти мамлакатҳо барои ҷалб намудан ва нигоҳ доштани кадрҳои баландихтисос (5, 78)*

Дар шароити босуботи иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин будани мамлакат бо маҳсулоти асосии озуқа аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти худӣ бо амнияти иқтисодии ҷумҳурӣ иртиботи бевосита дорад. Аз рӯи таҳлили сохтори хоҷагии миллӣ маълум аст, ки дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар корхонаҳои соҳаи хӯрокворӣ бо суръати баланд рушд карда истодаанд. Аз рӯи нишондиҳандаҳои омори солонаи мамлакат мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар даҳсолаи охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ даҳҳо маротиба афзудааст.

Байни корхонаҳои соҳаи хӯрокворӣ корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мавқеи хосаро ишғол мекунанд. Ба сифати объекти тадқиқот яке аз корхонаи пешқадами истеҳсолкунандаи маҳсулоти ширӣ дар вилояти Суғд интихоб карда шудааст, ки он дар бозори миллӣ дорои нуфузи баланд мебошад.

Дар давоми 18 соли фаъолияти худ корхона ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст ва ба бозори мамлакат зиёда 15 номгӯи маҳсулоти шириро пешниҳод мекунад. Корхона иқтидори истеҳсолии худро барои коркарди 6000 литр дар як шабонарӯз расонидааст, ҷадвали 1.

Ҷадвали 1

Динамикаи номгӯйи маҳсулоти ширии корхона дар солҳои 2012 - 2019

| Номгӯи маҳсулот | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| | Сметана 200 гр<br>Сметана 350 гр<br>Каймоқ 200 гр<br>Каймоқ 350 гр<br>Кефир 500 гр<br>Кефир 900 гр<br>Ряженка 500 гр<br>Ряженка 900 гр<br>Творог 200 гр<br>Панир ҳол. фас.<br>Панир ҳол. брус. | давраи оғози маҳсулоти нави ширӣ | | | | | | |
| | | - | Қаймоқи сер | Шири пастер. | Твороги ”бомазза”, Йогурт | Қаймоқи махсус | Йогурт | Панири “Золотая марка” |

Сарчашма: Тадқиқоти муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи тавозуни шӯъбаи муҳосиботи корхона дар солҳои 2012-2019

Дар корхона соли 2018 истеҳсоли йогурти мевагӣ ва дар соли 2019 панири “Золотая марка” ба роҳ монда шудааст. Номгӯи маҳсулоти ширӣ дар соли 2019 ба 18 номгӯ баробар гардид, ки ҳар кадоме дар бозори мол ва хизматҳо истеъмолкунандагони худро дорад.

Дар 5 соли охир бо баробари зиёд гардидани номгӯи маҳсулот зиёд шудани ҳаҷми бароришимаҳсулоти ширӣ аз рӯи ҳамаи намудҳо мушоҳида карда мешавад, ҷадвали 2.

Ҳаҷми бароризи умумии маҳсулоти ширӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба ҳисоби миёна ба 12,64% зиёд шуда, дар соли ҳисоботӣ ба 2516,21 тн баробар гардид. Бо баробари ин арзиши аслии маҳсулот низ дар ҳамин давраҳо ба ҳисоби миёна ба 11,27% зиёд шуда, дар соли 2019 ба 9719,63 ҳазор сомонӣ расид.

Ҷадвали 2

Динамикаи ҳаҷми барориши маҳсулоти ширӣ дар солҳои 2015-2019 аз рӯйи номгӯй

| Номгӯйи маҳсулотмаҳсулоти ширӣ | Солҳо | | | | | | | | | | Суръати афзоиш дар соли 2016 нисбат ба соли 2015 аз рӯйи | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | ҳаҷми маҳсулот, сомонӣ | арзиши аслии маҳсулот, сомонӣ |
| | Ҳаҷми бароришь, тн | Арзиши аслии маҳсулот, ҳаз. сомонӣ | Ҳаҷми бароришь, тн | Арзиши аслии маҳсулот, ҳаз. сомонӣ | Ҳаҷми бароришь, тн | Арзиши аслии маҳсулот, ҳаз.сомонӣ | Ҳаҷми бароришь, тн | Арзиши аслии маҳсулот, ҳаз.сомонӣ | Ҳаҷми бароришь, тн | Арзиши аслии маҳсулот, ҳаз. сомонӣ | | |
| Каймоқ | 313,3 | 1707 | 354,6 | 2154 | 401,3 | 2759 | 454,3 | 3123 | 514,2 | 3435 | 113,2 | 110 |
| Маҳсулоти ширӣ | 1385 | 2651 | 1458 | 2913 | 1563 | 3234 | 1715 | 3957 | 1935 | 4506 | 139,6 | 169,9 |
| Творог | 22,63 | 329,8 | 22,63 | 329,77 | 24,893 | 399,058 | 27,3823 | 438,964 | 30,1205 | 496,029 | 110 | 113 |
| Панири ҳолландӣ | 28,3 | 704,67 | 30,1 | 782,6 | 33,3 | 888,8 | 37,2 | 1216,4 | 37,13 | 1282,3 | 131,2 | 181,9 |
| Ҳамагӣ | 1749,5 | 5393,17 | 1865,51 | 6178,67 | 2022,43 | 7281,41 | 2233,94 | 8735,26 | 2516,21 | 9719,63 | 112,64 | 111,27 |

Пайгирии доимии раёсати корхона барои зиёд намудани номгӯи маҳсулот ва мувофиқан ҳаҷми барориш боиси ҷойҳои кории нав гашта, шумораи умумии кормандон дар корхона дар соли 2019 ба 67 нафар расидааст, ҷадвали 3.

Ҷадвали 3

Динамикаи сохтори ҳайати кормандони корхона дар солҳои 2015 - 2019

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | |
| | Шумора, нафар | Вазни қиёсӣ, % | Шумора, нафар | Вазни қиёсӣ, % | Шумора, нафар | Вазни қиёсӣ, % | Шумора, нафар | Вазни қиёсӣ, % | Шумора, нафар | Вазни қиёсӣ, % |
| Шумораи умумии кормандон, аз ҷумла | 54 | 100 | 58 | 100 | 60 | 100 | 63 | 100 | 67 | 100 |
| - роҳбарон | 5 | 9,2 | 5 | 8,6 | 6 | 10 | 7 | 11,1 | 6 | 9 |
| - мутахассисон | 7 | 13 | 8 | 13,7 | 9 | 15 | 10 | 15,9 | 11 | 16,4 |
| - хизматчиён | 14 | 26 | 15 | 25,9 | 16 | 26,7 | 17 | 27 | 17 | 25,3 |
| - коргарон | 28 | 51,8 | 30 | 51,8 | 29 | 48,3 | 29 | 46 | 33 | 49,3 |

Сарчашма: ҳисоботи шӯъбаи кадрҳои корхона дар солҳои 2015-2019

Дар сохтори умумии ҳайати кормандон дар соли 2019 ҳиссаи коргарони асосӣ зиёдтар буда 49,3% ё 33 нафарро ташкил медиҳад. Ҳиссаи роҳбарон, мутахассисон ва хизматчиён мувофиқан ба 9% - 6 нафар, 16,4% - 11 нафар ва 25,3% - 17 нафар баробар аст. Дар 5 соли тадқиқшаванда зиёдшавии шумораи мутахассисон ба назар мерасад. Агар шумораи онҳо дар соли 2015 ба 7 нафар ё 13% баробар бошад, соли 2019 ба 10 нафар – 16% баробар гардидааст.

Дар фаъолияти корхона яке аз нишондиҳандаҳое, ки ба фаъолияти самараноки он таъсир мерасонад, нишондиҳандаҳои ҳаракати кормандон мебошад, ҷадвали 4.

Дар солҳои 2018-2019 хориҷшавии кормандон мушоҳида карда намешавад. Аз рӯи динамикаи афзоиши шумораи кормандон маълум аст, ки дар солҳои 2018 ва 2019 коэффитсенти қабули кадрҳо мувофиқан ба 4,8% ва 5,9% баробар шуд, яъне дар соли 2018 - 3 нафар ва дар соли 2019 4 нафар кормандони нав ба кор қабул шудаанд.

Ҷадвали 4

Динамикаи нишондиҳандаҳои ҳаракати кормандони корхона дар солҳои 2018-2019

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | Суръати рушд дар соли 2019 нисбати соли 2018 | |
|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | мутлақ | нисбӣ,% |
| Шумораи кормандон, нафар | 63 | 67 | 4 | 106.3 |
| Шумораи коргарони ба кор қабул шуда, нафар | 3 | 4 | 1 | 133,3 |
| Шумораи коркарони хориҷшуда, нафар | - | - | - | - |
| Формулаи ҳисоби коэффитсиенти қабули кадрҳо | $К_қ = \frac{\text{коргарони бакорқабулшуда}}{\text{шумораи коргарон}} \times 100\%$ | | | |
| Коэффитсиенти қабули кадрҳо, % | 4,8 | 5,9 | 25 | 125,4 |

Сарчашма: Китоби қабул ва хориҷи кормандони шӯъбаи қабули кадрҳои корхона дар солҳои 2018-2019.

Дар солҳои 2018-2019 хориҷшавии кормандон мушоҳида карда намешавад. Аз рӯи динамикаи афзоиши шумораи кормандон маълум аст, ки дар солҳои 2018 ва 2019 коэффитсенти қабули кадрҳо мувофиқан ба 4,8% ва 5,9% баробар шуд, яъне дар соли 2018 - 3 нафар ва дар соли 2019 4 нафар кормандони нав ба кор қабул шудаанд.

Самаранокии фаъолияти корхона аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ баҳо дода мешавад, ҷадвали 5.

Ҷадвали 5

Динамикаи нишондиҳандҳои асосии иқтисодии корхона дар солҳои 2015 - 2019

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Суръти рушд дар соли 2019 нисбат ба 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | мутлақ | нисбӣ, % |
| Даромад умумӣ, сомонӣ | 4293214 | 4616360 | 5129295 | 5636588 | 5788254 | 151666 | 102,7 |
| Ҳамаги хароҷот, сомонӣ | 3958988 | 4244997 | 4721203 | 5193008 | 5316074 | 123066 | 102,4 |
| Фоида то андозбандӣ, сомонӣ | 334226 | 371363 | 408092 | 443580 | 472180 | 28600 | 106,4 |
| Андоз аз фоида, сомонӣ | 43449 | 48277 | 53051 | 57665 | 61383 | 3718 | 106,4 |
| Фоидаи соф, сомонӣ | 290777 | 323086 | 355041 | 385915 | 410797 | 24882 | 106,4 |
| Миқдори миёнаи хайати коргарон, нафар | 54 | 58 | 60 | 63 | 67 | 4 | 106,3 |
| Музди миёнаи меҳнат, сомонӣ | 590 | 650 | 836 | 871 | 913 | 42 | 104,8 |
| Фонди музди меҳнат, сомонӣ | 382320 | 452400 | 601694 | 690175 | 700390 | 10215 | 101,5 |

Сарчашма: ҳисоботи солонаи шӯъбаи муҳосиботи корхона дар солҳои 2015-2019

Чӣ тавре ки мушоҳида карда мешавад, нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 6 овардашуда тамоюли афзуншавӣ доранд. Аз рӯи чунин нишондиҳандаҳои иқтисодӣ: даромади умумӣ ва фоидаи соф, ки натиҷаи ниҳоии фаъолияти корхонаро инъикос мекунанд маълум аст, ки дар соли 2019 бузургии ин нишондиҳандаҳо мувофиқан ба 5788254 сомонӣ ва 410797 сомонӣ баробар аст.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим дар арзёбии нерӯи инсонӣ ин нишондиҳандаҳои вақти корӣ мебошад. *Тавозуни вақти корӣ* – низоми нишондиҳандаҳое, ки захираи вақти кории кормандон,

тақсимоти онҳоро аз рӯи намуди хароҷот ва истифодабарӣ тавсиф мекунад. Тавозуни мазкур бо мақсади муайян намудани захираи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнатро аз ҳисоби оқилона истифодабарии фонди вақти корӣ ва муайян намудани шумораи коргарон тартиб дода мешавад, ҷадвали 6.

Ҷадвали 6

Тавозуни вақти кории корхона барои соли 2019

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Маълумоти ибтидоӣ |
|---|---|
| Миқдори рӯзи тақвимӣ, аз он ҷумла: | 365 |
| -миқдори рӯзҳои ид | 12 |
| -миқдори рӯзҳои истироҳат | 24 |
| Фонди реҷавӣ, рӯз | 246 |
| Талафоти вақти корӣ, соат<br>аз он ҷумла: | 10770 |
| -рухсатӣ меҳнатии ҳарсола, соат | 9084 |
| -рухсатӣ барои таҳсил, соат | 90 |
| -талафот аз ҳисоби беморӣ, соат | 1320 |
| -талафот аз ҳисоби низоъ, соат | 156 |
| -талафот аз ҳисоби нодуруст ба роҳ мондани сатҳи хизматрасонӣ, соат | 120 |

Сарчашма: маълумот аз табели шуъбаи қабули кадрҳои корхона

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 7 маълум аст, ки талафоти вақти корӣ 10770 соатро ташкил медиҳад, ки аз он 9084 соат барои рухсати меҳнатии ҳарсола, талафот аз ҳисоби рухсатӣ барои таҳсил ба 90 соат, талафот аз ҳисоби низоъ 156 соат, талафот аз ҳисоби беморӣ 1320 соат ва талафот аз рӯи нодуруст ба роҳ мондани сатҳи хизматрасонӣ ба 120 соат баробар аст. Барои арзёбии сатҳи нерӯи инсонӣ маълумоти ибтидоии корхона барои солҳои 2015-2019 муайян карда шуд, ҷадвали 7.

Ҷадвали 7

Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоби нишондиҳандаҳои нерӯи инсонӣ дар корхона дар солҳо 2015-2019

| Номгӯи ишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Шумораи кормандон, нафар | 52 | 55 | 60 | 63 | 67 |
| Миқдори рӯзи корӣ, рӯз | 247 | 250 | 249 | 248 | 249 |
| Давомнокии рӯзи корӣ, баст / соат | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 |
| Фонди вақти корӣ, соат | | 2000 | 1992 | 1984 | 1992 |
| Талафот аз ҳисоби беморӣ, соат | 624 | 960 | 984 | 1272 | 1320 |
| Талафот аз ҳисоби низоъ, соат | 108 | 120 | 135 | 142 | 156 |

Сарчашма: Маълумот аз табели шуъбаи қабули кадрҳои корхона

Аз рӯйи маълумоти ҷадвали 7 маълум мешавад, ки давомнокии рӯзи корӣ дар корхона 8 соат/рӯз мебошад. Фонди вақти корӣ дар соли 2019 - 1992 соатро ташкил дод. Дар асоси маълумоти ҷадвали 8 таҳлили ҳолати саломатии коргарон ва муҳити маънавӣ муайян карда шудааст, ҷадвали 8.

Ҷадвали 8

Ҳисоби коэффитсиенти сатҳи саломатии кормандон ва муҳити маънавӣ дар корхона дар соли 2019

| Нишондиҳандаҳо | Формулаи ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Коэффитсиенти ҳолати саломатӣ | | | | | | |
| Талафот аз ҳисоби беморӣ, соат<br>Фонди вақти корӣ, соат | $КС = 1 - КБ = 1 - ФБ/Ф$ | 0,68 | 0,52 | 0,51 | 0,359 | 0,34 |
| Коэффитсиенти муҳити маънавӣ | | | | | | |
| Талафот аз ҳисоби низоъ, соат<br>Фонди вақти корӣ, соат | $КМ = \frac{Ф_н}{Ф}$ | 0,05 | 0,06 | 0,07 | 0,072 | 0,08 |

Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки талафот аз ҳисоби беморӣ хеле назаррас буда - 1320 соат/солро ташкил медиҳад, ҷадвали 8. Бояд қайд кард, ки саломатии кормандон яке аз нишондиҳандаҳои муҳим дар сохтори нишондиҳандаҳои интегралӣ мебошад ва ба рушди нерӯи инсонӣ назррас таъсир мерасонад. Зиёд шудани талафот аз ҳисоби бемории кормандон ба сатҳи рушди нерӯи инсонӣ ва умуман ба натиҷаҳои иқтисодии корхона таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, ба корхона зарур аст, ки дар сиёсати кадрии худро дар самти нигоҳ доштан ва баланд бардоштани сатҳи саломатии кормандон диққати ҷиддӣ диҳад.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои муҳити маънавӣ маълум аст, ки дар корхона муҳити маънавӣ ва хайрхоҳона мавҷуд мебошад, ки он барои баланд шудани руҳияи кории кормандон шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар рушди нерӯи инсонӣ такмили тахассусии кормандон хеле муҳим аст (2, *118-123*). Сатҳи маълумотнокӣ, кордонӣ, малака, дониш, маҳорату истеъдод аз ҷумлаи нишондиҳандаҳое мебошанд, ки сатҳи нерӯи инсониро муайян мекунанд, ҷадвали 9.

Ҷадвали 9

Динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи маълумотнокии кормандони корхона дар солҳои 2015-2019

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Шумораи умумии кормандон, нафар | 52 | 55 | 60 | 63 | 67 |
| Шумораи кормандоне, ки дар давоми як сол ихтисоси худро такмил додаанд, нафар | 1 | 1 | 2 | 1 | 3 |
| Шумораи коргарон бо маълумоти нопурра олии нопурра, нафар | 8 | 12 | 15 | 17 | 21 |
| Шумораи коргарон бо малакаи кории на кам аз 5 сол, нафар | 35 | 35 | 37 | 38 | 40 |
| Шумораи коргароне, ки дар ҷорӣ намудани усулҳои нав ва мукаммали корӣ, ҷорӣ намудани технологияҳо, кашфиёт, пешниҳодҳои оқилона иштирок мекунанд, нафар | 5 | 5 | 3 | 4 | 5 |
| Шумораи коргарон аз рӯи синну сол бо малакаи кории бештар аз 5 сол (26 – 50 сола), нафар | 40 | 42 | 43 | 43 | 45 |

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 9 маълум аст, ки дар корхона ба баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии кормандон диққати кофӣ дода намешавад. Дар соли 2019 рухсатӣ барои таҳсил ҳамагӣ 90 соатро ташкил кард, ҷадвали 6. Баланд бардоштани малакаи корӣ ҳамагӣ дар ҳар як соли ҳисоботӣ 1 нафар рост меояд, ки ин дар замони пурзӯр шудани рақобат ва бо суръати тез рушд кардани прогресси илмӣ-техникӣ кофӣ нест. Барои ворид намудани ҳар чӣ бештар донишҳои нав ба раванди истеҳсолот ба корхона мебояд ба ин масъалаи муҳим диққати хоса зоҳир намояд.

Бо истифода аз маълумоти ҷадвали 10 нишондиҳандаҳои истифодабарии нерӯи инсонии корхонаро муайян мекунем, ҷадвали 10.

Ҷадвали 10

Ҳисоби нишондиҳандаҳои нерӯи инсонӣ дар корхона дар солҳои 2015-2019

| Нишондиҳандаҳо | Формулаи ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Коэффитсиенти тахассуснокӣ барои кормандон | | | | | | |
| Шумораи кормандоне, ки дар давоми як сол ихтисоси худро такмил додаанд, нафар | $КТ = \frac{N_к}{N},$ | 0,02 | 0,03 | 0,04 | 0,02 | 0,04 |
| Шумораи умумии коргарон, нафар | | | | | | |
| Коэффитсиенти дараҷаи маълумотнокӣ | | | | | | |
| Шумораи коргарони маълумоти олӣ ва миёнадошта, нафар | $КМ = \frac{N_{ом}}{N}$ | 0,67 | 0,62 | 0,6 | 0,27 | 0,31 |
| Шумораи умумии коргарон, нафар | | | | | | |
| Коэффитсиенти устувории коллектив | | | | | | |
| Шумораи коргарони дар корхонаи мазкур на кам аз 5 сол фаъолиятбурда, нафар | $КУК = \frac{N_t}{N},$ | 0,67 | 0,63 | 0,62 | 0,60 | 0,60 |
| Шумораи умумии коргарон, нафар | | | | | | |
| Коэффитсиенти фаъолнокии инноватсионӣ | | | | | | |
| Шумораи усулҳои нав ва мукаммали корӣ, ҷорӣ намудани технологияҳо | $Кi = Ni/N$ | 0,1 | 0,09 | 0,05 | 0,01 | 0,07 |
| Шумораи умумии коргарон, нафар | | | | | | |
| Коэффитсиенти қобилияти меҳнати ҷисмонӣ | | | | | | |
| Шумораи коргарони синну соли бештари ҳосилнокӣ дошта (26 – 50 сола) | $КҚМҶ = \frac{N_{қм}}{N}$ | 0,77 | 0,8 | 0,72 | 0,68 | 0,67 |
| Шумораи умумии коргарон, нафар | | | | | | |

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли 2019 аз шумораи умумии кормандон 31% маълумоти олии миёна доранд. Сатҳи устувории коллектив ба 0,6 баробар буда, оид ба нисбатан баланд будани малакаи кории кормандон маълумот медиҳад.

Нишондиҳандаи фаъолнокии инноватсионӣ ба 0,07 баробар буда, ин маънои онро дорад, ки ҳамагӣ 7% кормандон дар ворид намудани навовариҳо ширкат меварзанд. Сатҳи ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои 2015 ва 2018 ба 6% афзудааст. Аз рӯи нишондиҳандаҳои сохтори синну солӣ ва малакаи корӣ ба қобилияти меҳнати ҷисмонии кормандон аз рӯи собиқаи корӣ баҳо дода шуд. Сатҳи ин нишондиҳанда ба 0,67 баробар буда, оиди баланд будани сатҳи солимии коллектив ва ба қобилияти ҷисмонӣ ҷоиз будани онҳо шаҳодат медиҳад.

Барои арзёбӣ намудани сатҳи рушди нерӯи инсонии корхона нишондиҳандаи интегралии он бо истифода аз маълумоти ҷадвали 11 муайян карда шудааст.

Ҷадвали 11

Динамикаи рушди нерӯи инсонии корхона дар солҳои 2018-2019

| Нишондиҳанда | Солҳо | Коэффитсиенти дараҷаи маълумотнокӣ | Коэффитсиенти тахассуснокӣ барои кормандон | Коэффитсиенти фаъолнокии инноватсионӣ | Коэффитсиенти устувории коллектив | Коэффитсиенти қобилияти меҳнати ҷисмонӣ | Нишондиҳандаи интегралии нерӯи инсонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | КМ | КТ | Кі | КУК | ҚҚМҶ | $НИ = \frac{КМ + КТ + Кі + КУК + ҚҚМ}{n}$ |
| Сатҳи рушди нерӯи инсонӣ | 2018 | 0,27 | 0,02 | 0,01 | 0,60 | 0,68 | 0,32 |
| | 2019 | 0,31 | 0,04 | 0,07 | 0,60 | 0,67 | 0,34 |

Аз рӯи натиҷаи таҳлили рушди нерӯи инсонии корхона маълум аст, ки он дар сатҳи паст қарор дорад, зеро бузургии нишондиҳандаи интегралӣ дар фосилаи байни 0,25 ва 0,50 қарор мегирад; сатҳи рушди нерӯи инсонӣ миёна ба ҳисоб меравад, агар он байни фосила байни бузургиҳои 0,50 то 0,75 қарор гирад; ҳангоми қимати нишондиҳанда аз 0,75 боло будан, сатҳи рушди нерӯи инсонӣ баланд арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, усули интегралии индекси рушди нерӯи инсониро истифода бурда имконияти асоснок намудани муҳим будани сатҳи рушди низоми идораи нерӯи инсонӣ, аз он ҷумла динамикаи он ба миён меояд. Ба воситаи ин нишондиҳанда оид ба самаранокии сиёсати корхона дар самти рушди нерӯи инсонӣ баҳо додан мумкин аст.

Аз рӯи натиҷаҳои ҳисоби нишондиҳандаи сатҳи рушди нерӯи инсонии корхона аз рӯи усули коэффитсиенти интегралӣ паст мебошад – коэффитсиенти интегралӣ ба 0,34 баробар аст, яъне дар фосилаи байни 0,25 то 0,50 қарор дорад. Барои ба сатҳи кофӣ расонидани рушди нерӯи инсонӣ ба корхона зарур аст, ки сиёсати маблағгузориро ба ин самт пурзӯр намояд (6, 366). Зеро ин нишондиҳанда дар таъмин намудани сатҳи рушди устувори фаъолияти корхона мавқеи муҳимро ишғол мекунад ва таъсири назаррас мерасонад.

Дар рушди нерӯи инсонӣ такмили тахассуси кормандон нақши муҳимро мебозад. Сатҳи маълумотнокӣ, кордонӣ, малака, дониш, маҳорату истеъдод аз ҷумлаи нишондиҳандаҳое мебошад, ки сатҳи нерӯи инсониро муайян мекунанд. Вобаста аз қимати индекси рушди нерӯи инсонӣ ба корхона зарур аст, ки нисбати ҳар як гурӯҳи нишондиҳандаҳо чораҳои мушаххас андешида мешавад. Барои пешниҳоди чораҳои мушаххас дар самти идораи кормандон бояд қимати ҳар як нишондиҳандае, ки ба сохтори нишондиҳандаи интегралӣ дохил мешавад, бояд ба инобат гирифта шавад.

Аз рӯи натиҷаҳои ҳисоби нишондиҳандаи сатҳи рушди нерӯи инсонии корхона аз рӯи усули коэффитсиенти интегралӣ паст мебошад – коэффитсиенти интегралӣ ба 0,34 баробар аст, яъне дар фосилаи байни 0,25 то 0,50 қарор дорад.

Гарчанде аз тарафи корхона ба рушди нерӯи инсонӣ маблағгузорӣ карда шавад ҳам, ҳаҷми он барои нигоҳ доштани кадрҳои баландихтисос ва таъмини рушди устувори корхона кофӣ нест (4, 33-44). Тавсия карда мешавад, ки корхона сиёсати кадрии худро дар ин самт пурзӯр намояд, азбаски дар бозори имрӯза байни корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти ширӣ рақобат пурзӯр аст. Бинобар ин, барои баланд бардоштани рақобатпазирии компания ва нигоҳ доштани ҳайати кормандон дар сатҳи зарурӣ бояд саъю кӯшиши зиёд ба харҷ дода шавад ва ба ин васила сатҳи нерӯи инсонӣ баланд гардад.

Чораҳои дар боло пешниҳодшуда ва баррасишаванда - бешубҳа ба маблағгузорӣ, ба рушди нерӯи инсонии корхона вобаста мебошад, ки самаранокии онҳо баъд аз давраи дарозмуддат маълум мегардад. Татбиқи чораҳо ба корхона барои ҳалли як қатор мушкилот ва муаммоҳо ёрӣ мерасонад. Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани сиёсати маблағгузории нерӯи инсонӣ ва умуман сиёсати кадрӣ, корхона метавонад ба баланд шудани самаранокии натиҷаи фаъолияти худ ноил гардида, рушди устувори иқтисодиро таъмин намояд.

## ПАЙНАВИШТ


1. Акрамова З. Б., Файзуллоева Г.А. Классификация элементов человеческого капитала для обеспечения устойчивого развития экономики. Перспективы и факторы обеспечения устойчивого развития экономики: материалы Республиканской научно-практической конференции (15-16 ноябрь 2018 г.) – Худжанд: Издательство «Меҳвари дониш», 2018г. – С.137
2. Акрамова З.Б. Состояние и развитие человеческого капитала в Республике Таджикистан. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2011. № 2(66). - С. 118-123.
3. Инновации как основа устойчивого развития экономики на мезо- и микроуровнях: Сб. науч. тр. – Тюмень: ТюмГНГУ, 2008. – 174 с.
4. Ложко В.В. К разработке концепции и программы долгосрочного социально-экономического развития России. Формирование человеческого капитала – инновационная стратегия социально-экономического развития государства и его регионов // Проблемы современной экономики. – 2008. – № 1 (25) – С. 33-44. http://www.m-economy.ru/art.php?nArtId=1775
5. Обзор инноватционного развития Республики Таджикистан. UNECE. ООН, Нью-Йорк и Женева, 2015 – 238 (78)
6. Юсупова Г.А. Теория формирования инвестиционно-финансового механизма управления развитием регионов. Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. № 1. (40). Хуҷанд. 2017. С 366-376.
7. X. Fu, G. Zanello, G. Owusu Essegbey, J. Hou и P. Mohnen, Инновации в странах с низким уровнем дохода: отчет об исследовании, Программа исследований роста DFID-ESRC.


## REFERENCES


1. Akramova Z.B., Faizulloeva G.A. Classification of elements of human capital to ensure sustainable development of the economy. Prospects and factors for ensuring sustainable development of the economy: materials of the Republican scientific and practical conference (November 15-16, 2018) - Khujand: Publishing house "Megvari donish", 2018. - p.137
2. Akramova Z.B. The state and development of human capital in the Republic of Tajikistan. Bulletin of the Tajik National University. A series of socio-economic and social sciences. 2011. No. 2 (66). - p. 118-123.
3. Innovation as the basis for sustainable economic development at the meso- and micro-levels: Sat. scientific. tr. - Tyumen: TyumGNGU, 2008 .-- 174 p.
4. Lozhko V.V. Towards the development of a concept and program for the long-term socio-economic development of Russia. Formation of human capital - an innovative strategy for the socio-economic development of the state and its regions // Problems of modern economics. - 2008. - No. 1 (25) - pp. 33-44. http://www.m-economy.ru/art.php?nArtId=1775
5. Review of innovative development of the Republic of Tajikistan. UNECE. UN, New York and Geneva, 2015 - 238 (78)
6. Yusupova G.A. The theory of the formation of an investment - financial mechanism for managing the development of regions. Scientific notes of the Khujand State University named after academic B. Gafurov. Series: Natural and Economic Sciences. No. 1. (40). Khujand. 2017. pp. 366-376.
7. X. Fu, G. Zanello, G. Owusu Essegbey, J. Hou and P. Mohnen, Innovation in low income countries: A survey report, DFID-ESRC Growth Research Programme.